**Тақриз**

**ба рисолаи илмии Каримова Дилором Отахӯҷаевна дар мавзӯи“Асосҳои илмӣ – методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

Дар низоми муосири таҳсилот баланд бардоштани сифати дониш, маҳорату малакаи касбӣ ва салоҳиятнокии хатмкунандагони мактабҳои олӣ ба ташаккули маҳорати суханварӣ, муоширати озоду фасеҳ дар доираи ихтисос, корбасти истилоҳоти тахассусӣ дар мавқеи худ иртибот дорад. Дар шароити ҳамгироии фанҳо, густардагии доираи шуғл омӯхтану донистани забони тоҷикӣ дар назди назарияи таълими забони тоҷикӣ проблемаҳои нави ҷавобгӯи талаботи муосири ҷомеаро мегузорад.

Боби якуми рисолаи илмии Каримова Дилором иборат аз 4 фасл “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” унвон гирифта, кӯшиш шудааст, ки бештар назария ва афкори олимони соҳа вобаста ба масъалаи таҳқиқ баррасӣ гардад. Баробари таҳлили рисолаву мақолаҳои методистону забоншиносони ватаниву хориҷӣ доир ба масъалаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ ва робитаи он бо илмҳои лингвистика, психология ва дидактика нуқтаи назар ва мулоҳизаҳои мустақилонаи муаллиф ба таври дақиқу мушаххас иброз гардидаанд. Ба масъалаи таълиму тадриси забони тоҷикӣ, такмили равишу усулҳои самарабахши омӯзиши он, ҷустуҷӯи роҳу усулҳои самарабахши таълими забони тоҷикӣ, ба кор бурдани таҷрибаҳои беҳтарини омӯзиш ва навовариву эҷодкорӣ дар ин раванд ва такмили онҳо руҷӯъ намуда, ҷиҳати бартараф кардани мушкилоти мавҷудаи таълими қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, таҳияи саҳеҳи ҳуҷҷатҳои расмӣ-коргузорӣ, салоҳиятнокии муоширати касбӣ, инкишофи нутқи муҳассилин андешаҳои судманд иброз доштааст. Ҳамчунин ба хусусиятҳои хоси таҳия ва мураттаб сохтани мундариҷаи таълимию методии фан, дар асоси ихтисоси донишҷӯён интихоб кардани мавзӯъҳо, барномаи таълимӣ ва маводи хониш таваҷҷӯҳ зоҳир гаштааст. Дар ин радиф, ба инобат гирифтани равобити байнифаннӣ ва ба таври ҳамгиро таълим додани фанни забони тоҷикӣ бо фанҳои тахассусии донишҷӯён муҳим арзёбӣ шудааст.

Дар таълими донишҷӯёни ғайрифилологӣ аз худ кардани истилоҳоти касбӣ ҷузъи муҳимми маводи таълимӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба шумор рафта, новобаста аз сатҳи забондонӣ бояд шароите муҳайё сохт, ки дар муддати кӯтоҳ ба рушди салоҳияти коммуникативӣ ноил гарданд. Ҷузъҳои салоҳияти касбӣ ва забонӣ ба маводи таълимӣ ва интихоби мувофиқи мавзуъҳо бояд ба роҳ монда шавад.

Боби меҳварии рисола боби дуюм “Муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ ва низоми ташаккули фарҳанги нутқ дар асоси матнҳои тахассусӣ дар факултетҳои ғарифилологии макотиби олии ҷумҳурӣ” буда, масъалаи асосҳои илмӣ – методии ташаккули фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ аз забони тоҷикӣ, матн ҳамчун категорияи лингвистӣ ва методӣ дар партави таъмини муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода шудааст. Диссертант қайд мекунад, ки интихоби дурусти маводи таълимӣ дар асоси муайян кардан ва мушаххасии ҳаҷми матнҳои тахассусӣ; аҳамияти маърифатӣ ва коммуникативии матнҳо; таълими ҳамгироии фанҳо ва ба инобат гирифтани донишҳои татбиқи амалии принсипҳои умумидидактикӣ ва методӣ дар рушди салоҳиятнокӣ, истифодаи самараноки вақти ҷудогашта барои ҳар дарс ва дар умум барои омӯзиши курси забони тоҷикӣ, роҳҳои шавқмандсозии шогирдон, корбасти методҳои муосири таълим муфассал нишон дода шудааст.

Дар фасли сеюми боби мазкур системаи машқҳо ва матнҳои тахассусӣ дар таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ таҳия шуда, воситаҳои ноил гаштан ба салоҳияти забонӣ ва рушди тафаккури таҳлилӣ ва интиқодӣ, аз қабили муколамаи таълимӣ, монолог, гузоришҳо, иҷрои нақшҳои таълимиву корӣ, мубоҳисаҳо ва таҳияи лоиҳаҳои таълимӣ пешниҳод гаштаанд, ки аз таҷрибаи бой ва огоҳии комили муҳаққиқ аз нозукиҳои таълими фанни забони тоҷикӣ дар факултети ғайрифилологӣ дарак медиҳанд.

Аз натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар ташаккули салоҳиятмандӣ ва фарҳанги нутқи донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ дар заминаи матнҳои тахассусӣ бармеояд, ки донишҷӯён дар заминаи таҳлилу коркарди матнҳои тахассусӣ, ки хусусияти эвристикӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодро дар раванди таълим таҳким мебахшад, сурат мегирад. Ҳангоми ба низом даровардани системаи машқҳо таснифи усулҳо ва роҳу равиши инкишофи нутқ, ташаккули маданияти сухан ва гуфтор муайян ва пайдарпаии оқилонаи татбиқи онҳо муқаррар ва системаи машқҳое пешниҳод шудааст, ки ба ташаккул ва рушди минбаъдаи нутқи донишҷӯён мусоидат мекунанд. Самаранокии методологияи пешниҳодшуда бо маълумоти санҷиши назоратӣ тасдиқ карда шуд ва он имкон медиҳад, ки дурнамои истифодаи минбаъдаи онро дар таҷрибаи таълими забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ вусъат ва таҳким бахшем.

Дар баробари ин дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия, бархе камбудиву норасоиҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор

гирифтани онҳо, ба фикри мо, барои боз ҳам афзудани арзиши илмии рисолаи мавриди назар мусоидат хоҳад кард. Аз ҷумла:

1. Баъзе истилоҳоти норавшан ба назар мерасанд, ки нисбати дарки мазмуни онҳо каме андеша бояд кард.
2. Баъзан иштибоҳоти имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳ ва бартараф кардани онҳо арзишу аҳамияти илмии корро бештар хоҳад кард.

Хулоса, рисолаи илмии Каримова Д.О. дар мавзӯи “Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ” тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии онро паст нахоҳанд кард. Бинобар ин, рисолаи мазкур ба талаботи Низомнома оид ба “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08–Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04–Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти касбӣ)) сазовор аст.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Сабуров У.С.

суроға:734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, к. Нахимов 64/14.
Тел:(992 37) 231-02-01, 93-555-62-64

Имзои Сабуров У.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадр ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

28.03.2024